**ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

**ШАРТНОМА ОИД БА ҲАМКОРИҲОИ ТАЪЛИМӢ ВА ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ №__20__**

**аз «_11_» _октябр_ с. 202_1_** **ш. Душанбе**

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шахсияти **Ректор Амонзода Илҳом Темур**, ки дар асоси Оиннома амал мекунад (минбаъд - Донишгох) аз як тараф ва аз тарафи дигар ҶСП "Спитамен Бонк" дар шахсияти Раиси Раёсат Самандарзода Навруз, ки дар асоси Оиннома амал мекунад минбаъд - Корхона) дар якҷоягӣ ҳамчун "Тарафҳо", мутобиқи моддаҳои 25 ва 44-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таҳти № 1004 аз 22 июли соли 2013 ва банди 27-и протоколи маҷлиси назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2010 таҳти №1с/27-6, шартномаи мазкурро ба имзо расониданд:

## 1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

**1.1.** Тарафҳо ӯҳдадор мешаванд, ки дар асоси шартномаи мазкур мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи соҳавӣ ҳамкориро дар самтҳои зерин ташкил намоянд:

1.1.1 ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии шиносоӣ, таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ барои донишҷӯёни зинаи бакалавриат ва магистратура дар Корхона;

1.1.2 бозомӯзии кормандони Корхона дар самти азхудкунии техника ва технологияи ҳозиразамон;

1.1.3 амалисозии барномаҳои инноватсионӣ дар соҳаи марбута.

## 2. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИИ ТАРАФҲО

**2.1 Донишгоҳ уҳдадор аст:**

2.1.1 бозомӯзии (азнавтайёркунии) мутахассисони Корхонаро мувофиқи самтҳои нави тараққиёти техника ва технология, дар курсҳои такмили дараҷаи тахассусӣ дар асоси шартномаи иловагӣ ба роҳ монад;

2.1.2 мутахассисони Корхонаро ба семинарҳо ва конференсияҳои таълимӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳ даъват намуда, барои бо маърӯзаҳо баромад намудани онҳо шароит фароҳам орад;

2.1.3 мувофиқи дархост, мутахассисонро аз ҳисоби хатмкунандагони Донишгох барои фаъолияти меҳнатӣ ба Корхона фиристад;

2.1.4 таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро дар Корхона мутобиқи "Низомнома дар бораи таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ" таъмин намояд;

2.1.5 барои гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва озмоишӣ дар Корхона шахсони мутасаддии Корхонаро бо маводи методии зарурӣ таъмин намояд;

2.1.6 мувофиқи имконият кормандони Корхонаро ба фаъолияти омӯзгорӣ, аз ҷумла роҳбари кори хатми бакалаврӣ, рисолаи магистрӣ ва ширкат дар кори комиссияи атестатсионӣ ҷалб намуда, музди меҳнати онҳоро пардохт намояд.

2.1.7 Шумораи донишҷӯнро, ки барои таҷрибаомӯзӣ ба Корхона равона карда мешаванд, дар як мавсим набояд аз 10 нафар зиёд бошанд.

2.1.8 Донишҷӯёнро барои таҷрибаомӯзӣ тибқи роҳхат ба Корхона сафарбар намояд.

**2.2 Корхона уҳдадор аст:**

2.2.1 дар самти ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ҳамкории илмӣ-тадқиқотиро бо Донишгоҳ ба роҳ монад;

2.2.2 барои гузаронидани корҳои таълимӣ, илмӣ-техникӣ, коркарди маълумот дар Корхона ва таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ихтисосҳо ва равияҳое, ки донишгоҳ аз рӯи онҳо мутахассисон омода менамояд, шароити мусоид фароҳам орад;

2.2.3 хатмкунандагони Донишгоҳро мувофиқи имконият ва тартиботи дохилии худ бо ҷойҳои корӣ ва коромузӣ таъмин намояд;

2.2.4 донишҷӯёнро пеш аз таҷрибаомӯзӣ бо қоидаҳои техникаи бехатарӣ, тартиботи дохилии Корхона шинос намояд;

2.2.5 аз тарафи Корхона барои самаранок гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ мутахассисони ботаҷрибаро сафарбар намуда, ба донишҷӯён дар иҷрои нақшаи таҷрибаомӯзӣ, аз ҷумла ҷамъ овардани маводҳои лозимӣ барои тартибдиҳии ҳисобот шароити мусоид фароҳам орад;

2.2.6 дар сурати вайрон кардани интизоми меҳнат ва тартиботи дохилии Корхона ба Донишгоҳ хабар диҳад;

2.2.7 донишҷӯёнро ба корҳои берун аз нақшаи таҷрибаомӯзӣ пешбинишуда ҷалб нанамояд;

2.2.8 баъди ба охир расидани муҳлати таҷрибаомӯзӣ, дар рӯзномаи таҷрибаомӯзии донишҷӯ қайдҳои дахлдорро бо мухр тасдиқ менамояд.

**2.3 Ҳуқуқҳои Донишгоҳ:**

2.3.1. рафти гузаштани таҷрибаомӯзиро аз тарафи донишҷӯёни таҷрибаомӯз таҳти назорати қатъӣ қарор диҳад;

2.3.2. оид ба рафти таҷрибаомӯзии донишҷӯёни таҷрибаомӯз аз роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз Донишгоҳ ва Корхона ҳисоботи расмӣ талаб намояд;

2.3.3. қабули ҳисоботи донишҷӯёни таҷрибаомӯзро дар кафедраҳои мувофиқ ба роҳ монда, онҳоро тасдиқ намояд;

2.3.4. намояндагони Корхонаро ҳамчун корфармо барои иштирок дар кори Комиссияи давлатии хатм зимни гузаронидани аттестатсияи ниҳоӣ бо ихтисосҳои мувофиқи зинаи бакалавриат ҷалб намояд.

**2.4 Ҳуқуқҳои Корхона:**

2.4.1. бахри ҳамоҳангсозии фаъолияти Тарафҳо, инчунин мусоидат намудан ба донишҷӯёни таҷрибаомӯз дар ин раванд аз ҳисоби Корхона мутахассиси соҳибихтисосро роҳбари таҷрибаомӯзӣ таъин намояд;

2.4.2. пас аз анҷоми давраи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни таҷрибаомӯз маводҳои матнӣ, рақамӣ ва графикии дар давоми таҷрибаомӯзӣ ҷамъовардаи дорои сирри тиҷоратӣ ва ё бонкӣ набуда, инчунин ҳисоботҳои таҷрибаомӯзии онҳоро бо имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз Корхона, бо муҳри шуъбаи кадрҳо тасдиқ намояд;

2.4.3. дар мавриди зарурӣ ҳисоботҳои мазкурро дар якҷояги бо ҳисоботи донишҷӯ оид ба гузаштани таҷрибаомӯзӣ, ки бевосита аз ҷониби донишҷӯёни таҷрибаомӯз омода мегардад, ба Донишгоҳ ирсол созад.

## 3. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА, ТАРТИБИ ТАҒЙИР ВА ҚАТЪИ ОН

**3.1.** Шартномаи мазкур аз санаи аз ҷониби тарафҳо имзо намудани он қувваи қонунӣ пайдо намуда, ба муддати 2 (ду) сол амал мекунад.

3.1.1 Баъди гузаштани муҳлати шартнома, агар “Тарафҳо” оид ба қатъ намудани амали он хоҳиш надошта бошанд, шартнома ба муҳлати нав тамдидшуда ҳисобида мешавад.

3.1.2 Тарафҳо дар ҳолати иҷро нашудан ва ё қисман иҷро нашудани бандҳои шартнома мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият доранд.

3.1.3 Тағйироту иловаҳо ба шартномаи мазкур бо розигии “Тарафҳо” ба таври хаттӣ метавонанд пешниҳод гардида, ба шартномаи мазкур замима гарданд.

3.1.4 Шартнома дар ду нусха тартиб дода шуда, як нусхаи он дар Донишгоҳ ва нусхаи дигараш дар Корхона нигоҳ дошта мешавад.

## СУРОҒАИ ҲУҚУҚӢ ВА ИМЗОИ ТАРАФҲО:

| | |
|---|---|
| 734061, ш, Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев - 63/3. | 734064, ш. Душанбе, кучаи Шамсӣ-4 |
| Тел: (+99237)2347988/2345910 | Тел: +992 (44) 640 65 65 |
| Факс: (+99237)2347988/2100404 | Почтаи злектронӣ: www. Spitamen.tj |
| Почтаи злектронӣ: rektorat-tut@tut.tj | Сомона: info@spitamen.com |
| Сомона http://www.tut.tj | |
| **Ректори Донишгоҳ** | **Раиси Раёсат** |
| ________________ **Амонзода И.Т.** | ________________ **Самандарзода Н.** |